## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Султанзода Заррина дар мавзуи «Хусусиятҳои сохторӣ-семантикӣ ва тарҷумавии воҳидҳои фразеологӣ дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод мегардад.**

Тарҷума дар тули таърих ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи аҳли башар қарор дошта, ҳамчун роҳи муътамаде дар пайвандсозии миллатҳо муаррифӣ мегаштааст. Аз ҷумла, ба ин падида донишмандони тоҷик ҳанӯз аз замонҳои дури таърих таваҷҷуҳ карда, дар зимни китобҳои адабӣ ва балоғии худ ба он ишораҳо кардаанд. Аз мутолиаи таърихи тарҷума дар адабиёти классикӣ ва муосир бармеояд, ки донишмандони гузаштаву имрӯзи мо аз масоили назарии тарҷума дида ба паҳлуҳои амалии он диққати бештаре медодаанд ва нуктаи мазкурро донишманди зиндаёд Баҳриддин Камолиддинов низ таъкид намудаанд.

Ҳарчанд ки диссертатсияи Султанзода Заррина ба таҳқиқи хусусиятҳои тарҷумавии воҳидҳои фразеологии “Тарҷумаи Тафсири Табарӣ” бахшида шуда бошад ҳам, вале дар он хусусиятҳои сохторӣ-семантикии воҳидҳои фразеологӣ низ то андозае мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Ин аст, ки диссертант чунин қайд намудааст: “Омӯзиши воҳидҳои фразеологӣ дар ин асар ба тавоноиву зоёии забони тоҷикӣ дар асрҳои IX-X ишора карда, ҳамзамон, далолат ба он менамояд, ки донишмандони тоҷик ҳанӯз дар он асрҳо аз таркиботу таъбироти устувор ва тарҷумапазириву тарҷуманопазирии онҳо огоҳӣ доштаанд”(Фишурда, с. 3).

Диссертант дар асоси методҳои муқоисавӣ-таърихӣ воҳидҳои фразеологиро аз нигоҳи сохториву семантикӣ ва тарҷумавӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, хулосаву тавсияҳои баровардаи у дар соҳаи илми забоншиносии тоҷик, хосса дар риштаи фразеологияшиносӣ ва тарҷумашиносии тоҷик ҳамчун дастоварди нави илмӣ арзёбӣ мегардад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки омӯзиши гуногунҷанбаи воҳидҳои фразеологии дар “Тарҷумаи Тафсири Табарӣ”, ки аз нигоҳи таърихият ва фарогирии вожагону таъбирҳои зиёд дар таърихи насри тоҷик бесобиқа муаррифӣ гардида, ин мавзуъ то ҳанӯз мавриди таҳқиқи мушаххаси диссертатсионӣ қарор нагирифтааст.

Кори таҳқиқотии Султанзода Заррина дар шакли диссертатсионӣ таҳия гардида, аз нигоҳи сохторӣ аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати нашри таълифоти

илмӣ ва фишурда иборат аст.

Автореферати диссертатсия шаҳодат бар он медиҳад, ки мавзуи мавриди таҳқиқ ҳамаҷониба аз ҷониби муаллиф мавриди таҳқиқу омӯзиш ва таҳлилу баррасии густарда қарор гирифтааст.

**Дар муқаддима** мубрамии мавзуъ, дараҷаи омӯзиш, заминаҳои назариявию методологии таҳқиқ, мақсад ва ҳадафҳои таҳқиқ, объекту мавзуъ, усулҳо ва соҳаи таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назарӣ-амалии таҳқиқ, саҳми шахсии довталаб, нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия, сохтори диссертатсия дарҷ гардидааст.

**Дар боби якуми диссертатсия**, ки аз шаш фасл иборат мебошад, муаллиф дар баробари ишораи ҷойгоҳи асари мавриди таҳқиқ – "Тарҷумаи Тафсири Табарӣ" дар фарогирии воҳидҳои фразеологӣ, ба таснифи лексикӣ ва шарҳу тавзеҳи ҷанбаҳои маъноии воҳидҳои фразеологӣ пардохтааст.

**Боби дувуми диссертатсия**, ки шомили 12 фасл аст, муаллиф талош намудааст, то нақши феълҳо, хусусан феълҳои ёридиҳандаро такя ба воҳидҳои фразеологии дар асар омада мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳад.

**Дар боби сеюми диссертатсия**, ки аз 7 фасл иборат буда, муаллиф дар такя ба хусусиятҳои тарҷумавии воҳидҳои фразеологии дар асар воридшуда онҳоро ба чандин навъ тақсим намудааст, ки тарҷумаи калкавӣ, луғавӣ ва муодилёбӣ аз ҷумлаи онҳост. Воқеан, аз мутолиаи боби мазкур метавон дарк намуд, ки муаллиф дар забонҳои тоҷикӣ ва арабӣ аз дониши хубе бархӯрдор аст.

Тавсияҳо ва хулосаҳои диссертатсионии З. Султанзода эътимоднок буда, онро метавон дар самти фразеологияшиносӣ ва тарҷумашиносии тоҷик метавон онро ҳамчун маводи арзишманди илмӣ барои муҳаққиқони оянда арзёби намуд.

Дар баробари дастовардҳо дар автореферати диссертатсия чанд камбуд ба назар мерасад, киислоҳи он илмияти корро кам наменамоянд.

1. Таносуби фаслҳо дар автореферат ба инобат гирифта нашудааст. Хуб мебуд, агар муҳақиқ маълумотро дар мавриди боби дувум ба монанди бобҳои як ва се каме бештар меовард;

2. Диссертант агар дар кори худ аз транскрипсия истифода менамуд, ба илмияти кор судманд мебуд. Ба ин маъно, ки агар диссертант транскрипсияи вожаву таъбир ва ҷумлаҳои арабиро дар фишурда истифода мекард ба маврид буд.

3. Дар автореферат баъзе ғалатҳои имлоию техникӣ ба назар мерсанд, ки ислоҳи онҳо боиси беҳтар гардидани кор аст.

Камбудҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, бе ҳеҷ ваҷҳ

арзиши илмии корро поин намебаранд.

Автореферати диссертатсия ба талаботи имрӯзаи корҳои илми ҷавобгӯ буда, мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расида, ба мавзуи илмии диссертант алоқаманд мебошанд.

**Хулоса**, автореферати Султанзода Заррина дар мавзуи «Хусусиятҳои сохторӣ-семантикӣ ва тарҷумавии воҳидҳои фразеологӣ дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» ба талаботи бандҳои 31,33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. -Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

**Муқарриз,** мудири кафедраи забони
тоҷикии МДТ «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав»,
номзади илмҳои филологӣ: Назаров Меҳрубон Ниёзмадович

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон
н.Кӯшониёт, ҷ/д Бустонқалъа, деҳаи
Механизатор, хонаи 42, Тел: (+992) 902017676

Имзои Назаров Меҳрубон Ниёзмадовичро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав» Шукурзод Ҷамшед Абдуалим

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Бохтар кӯчаи Айнӣ, 67
Тел.: (83222) 2-45-20; 2-22-53
E-mail: ktsu78@mail.ru, web-сайт:
www.ktsu. edy.tj

Сана: 8.04.2024